«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон,
профессор Файзулло М.К.
аз «_5_» ___12___ соли 2022

# ТАҚРИЗИ

**Муассисаи пешбар – кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон ба рисолаи доктории Қурбонова Ширин Исмоиловна дар мавзуи: «Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02.-таърихи ватанӣ - Душанбе, 2022. -280 с.**

Рисолаи доктории Қурбонова Ширин Исмоиловна дар ҷаласаи кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2022, протоколи № 4 муҳокима ва тасдиқ карда шуд.

Дар ҷаласа 5 доктори илм, 7 номзади илм, 3 нафар муаллими калон ва 6 ассистент иштирок намуданд. Дар муҳокимаи рисола аспирантов, унвонҷӯён ва докторантон даъват гардиданд.

Муассисаи пешбар дар хулосаи мусбати худ, ки аз ҷониби докторони илми таърих, профессорон 1, дотсентон 2 мураттаб гардид, қайд карда шудааст, ки мавзуи интихобнамудаи таҳқиқоти илмии Қурбонова Ш. И. яке аз масъалаҳои мубрами имрӯзро дарбар гирифта, аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад.

Омӯзиши таъсисёбӣ ва ташаккули Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун ташкилоти ҷамъиятию сиёсӣ, махсусан фаъолияти сиёсии он дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва мавқеи он дар ҳалли

проблемаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019 аҳамияти таърихӣ дорад.

Таҳқиқоти мавзуи мазкур барои баркарор кардани ҳақиқати таърихӣ имкон медиҳад, то дар доираи усулҳои муқоисаронии таърихӣ фаъолияти ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ҳамчун як ташкилоти ҷамъиятию сиёсӣ баҳои объективона пайдо кунад, зеро дар шароити Тоҷикистон хусусиятҳои хоси таъсисёбӣ ва фаъолияти ҳизбу созмонҳои бешумор аз мақсаду мароми онҳо вобаста буд. Нақш ва мавқеи ҳар як ҳизби ҷамъиятию сиёсӣ вобаста ба хусусиятҳои рақобати байниҳизбӣ ва мубориэаи онҳо барои ба даст овардани ҳокимият нигаронида шуда буд.

Махсусан дар замони муосири давраи тараққиёти соҳибистиқлолии Тоҷикистон омӯзиши фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва нақши он дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019 ба таҳлили падидаҳои нави ҷамъиятию сиёсӣ, ислоҳотҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳамчун як қисми ҷудонашаванда дар пешбурди идеологияи давлатӣ ва баланд бардоштани шуури ҷамъиятӣ мусоидат мекунад.

Дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон муҳаққиқон имкон пайдо намуданд дар доираи муқоисаи плюрализми демократӣ ва берун аз фишори идеологӣ, бо мақсади ҳимояи манфиатҳои миллӣ фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро аз рӯйи адолати таърихӣ баҳогузорӣ намоянд.

Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия бо нишон додани мақсад ва вазифаҳо назарияҳои илмӣ, аҳамияти амалии пажӯҳишҳои асоснокгардида бо муайян кардани сохтори он муваффақ гардидааст, ки аз рӯйи чаҳорчӯбаи хронологии таҳқиқот барои солҳои 1994-2019 пешниҳод карда шудааст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот нишон дода шудааст. Муҳим будани омӯзиши масъалаи мазкурро муаллифи рисола бо он асоснок мегардонад, ки ҲХДТ дар тӯли фаъолияти худ ҳамчун як ҳизби пешбарандаву созанда, бунёдкор ва воқеан мардумӣ тамоми нерӯи худро барои сулҳу осоиштагӣ, татбиқ ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ ва

барномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барои амалишавии барномаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон равона намудааст.

Ҳамчунин хусусиятҳои таърихии таъсисёбӣ ва ташаккули ҲХДТ, раванди ташкилёбии ташкилотҳои ибтидоӣ, давраҳои марҳилавии ташаккулёбӣ ва рушди он мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар асоси маводи омӯхташуда муаллиф фаъолияти ҲХДТ -ро дар раванди дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ таҳлил намуда, фаъолияти ҳизбро ба таври объективӣ нишон дода тавонистааст.

Муаллиф бо он асоснок мекунад, ки ҲХДТ аз рӯзҳои аввали қайди ном карданаш дар парлумони мамлакат фаъолияти пурсамареро ба роҳ монда, дар таъсисёбии парламенти касбӣ нақши калидӣ бозидаст.

Дар натиҷаи тағйиротҳои куллие, ки дар давраи барҳамхӯрии яккаҳизбии коммунистӣ ва гузаштан ба плюрализми демократӣ рақобати ҳизбҳои сиёсӣ хеле тезу тунд гардида буд, аксарияти созмону ташкилотҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ характери маҳалгароӣ ва мазҳабӣ доштанд. ҲХДТ баъдтар таъсис ёфта бошад ҳам, ҳамчун як ташкилоти сиёсӣ барои мавқеи сиёсӣ пайдо намудан тавонист дар ҳокимияти давлатӣ барои амалӣ намудани ғояҳои хеш мубориза барад.

Муаллиф ақидаи худро бо он асоснок мекунад, ки омӯзиши фаъолияти сиёсии ҲХДТ барои аз худ намудани ҳама воқеаҳое, ки дар зарфи 25 соли соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба амал омаданд, мусоидат намуда, имкон медиҳад, ҳодисаҳои ин давра ба таври амиқ дарк гардад.

Умуман, дар муқаддимаи диссертатсия (с.5-22) муаллиф мубрам будани мавзуи таҳқиқот ва сатҳи омӯзиши илмии мавзуъро баррасӣ намуда, объект ва предмети таҳқиқотро муайян, мақсад ва вазифаҳои тадқиқотро ба шакл даровардa, доираи хронологии тадқиқотро барои солҳои 1994-2019 масъалагузорӣ кардааст. Дар он асоси назариявию методологӣ, пойгоҳи сарчашмашиносӣ навгониҳои илмӣ, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот асоснок карда шудааст.

Рисола аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб бо 12 зербоб, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳо ва адабиёт иборат аст.

Боби якум ба «Заминаҳои таърихӣ ва сиёсии таъсисёбии ҳизби халқии демократии Тоҷикистон» бахшида шуда, он аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум **«Бӯҳрони сиёсии солҳои 80-90-уми асри XX ва барҳам хӯрдани яккаҳизбӣ дар ИҶШС»** сухан дар бораи буҳрони сиёсию иқтисодӣ ва вазъи мураккаби нимаи дуюми солҳои 80-ум ва нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX меравад.

Ба ақидаи муаллиф сиёсати бозсозии горбачевӣ натиҷаи дилхоҳ надода, вазъиятро дар мамлакати шуравӣ боз ҳам мушкилтар гардонид. Раванди ошкорбаёнӣ ва танқиди рӯирост нуфузи ҳизби ҳукмрони коммунистиро паст гардонида, дар мақомотҳои ҳизбию давлатӣ ҳаракатҳое ба вуҷуд омаданд, ки аз фарсудаю корношоям шудани мақомоти идоракунии давлатӣ дарак медоданд. Барои амалишавии барномаҳои бозсозӣ бо мақсади ба роҳ мондани бисёрҳизбӣ моҳи марти соли 1990 моддаи 6-уми Конститутсияи ИҶШС дар Анҷумани III-юми намояндагони халқҳои ИҶШС бекор карда шуд, ки дар он нақши роҳбарии Ҳизби Коммунистӣ нишон дода шуда буд. Бо аз байн рафтани мавқеи гегемони ҳизби коммунистӣ имконияти созмон додани дигар ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои сиёсӣ пайдо гардид.

Дар чунин вазъият корхонаҳои давлатӣ, ки ба сиёсати худмаблағгузорӣ ва худтаъминкунӣ гузашта буданд, алоқамандии байни корхонаҳоро аз байн бурд. Корхонаҳо пайи ҳам аз кор монда, коргарон ва мутахассисон сафи бекоронро ташкил медоданд. Ин ҳолат ба боло рафтани эътирозҳои миллӣ ва боздоштани раванди амалишавии барномаҳои бозсозӣ оварда расонид.

Ошкорбаёнӣ, озодандешӣ ва танқид баъзан ба таҳқир анҷом меёфт. Тамоми иллатҳои ҷомеа, аз ҷумла масъалаи миллию марзӣ ошкор гардида, зиддият ва ҷудоиро ба вуҷуд овард ва он пас аз барҳам хӯрдани

Иттиҳоди Шуравӣ таъсири манфии худро ба ҷумҳуриҳои навтаъсис гузошт.

Зербоби дуюм **«Бисёрҳизбӣ ва рақобатҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон дар охири асри XX»** тағйирёбии авзои сиёсӣ ва роҳ ёфтани гуногунандешагиро дар бар гирифта, ба ташаккулёбии ҷомеаи бисёрҳизбии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Муаллиф хусусиятҳои бисёрҳизбиро дар Тоҷикистон таҳлил карда, қайд мекунад, ки созмонҳо ва иттиҳодияҳо, ҳизбҳои навташкилёфта характери маҳалгароӣ ва мазҳабӣ доштанд. Новобаста ба он 12 декабри соли 1990 Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» қарор қабул кард, ки мувофиқи он дар ҳудуди ҷумҳурӣ ҳар гуна ҳизбу созмонҳо ошкоро фаъолият карда метавонистанд ва он ба биёрҳизбӣ ҳукми қонунӣ бахшида, ташаккулёбии ҷомеаи бисёрҳизбиро тезонид.

Дар рисола бо далелҳои зиёд исбот карда шудааст, ки тамоми созмонҳои сиёсии дар ибтидо ташкилёфта дар ҷумҳурӣ сепаратизми маҳалгароиро ба вуҷуд оварда, манфиатҳои маҳалгароиро аз манфиатҳои умумимиллӣ боло қарор дода, аз андешаи сиёсӣ берун буданд. Дар натиҷа ошкорбаёнӣ ва озодандешӣ зоҳиран демократона вале дар асл бошад иғвогарона ва моҷароҷӯёна буда, Тоҷикистонро ба вартаи нобудӣ расониданд. Оқибат зиддияту ихтилофот авзои сиёсиро дар кишвар тезутунд гардонида, ашхоси манфиатдор ҷумхуриро ба ҷанги шахрвандӣ оварда расониданд. Митингҳои пай дар пай майдоннишиниҳо, гуруснанишиниҳо парокандагӣ, умуман моҷароҳои сиёсӣ ба таври расмӣ ташаккулёбии ҳизбҳоро тезонид.

Боби II-юм **«Марҳилаи асосӣ ва хусусиятҳои ташаккулёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон»** номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби **якум «Заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон»** нишон дода шуда, муаллиф бар он ақида аст, ки дар натиҷаи бесарусомониҳои давраи ҷанги шаҳрвандӣ

созмонҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ нуфузу обрӯи худро аз даст дода, мавқеи сиёсии худро гум карданд. Ҷомеа ба созмон додани чунин ташкилоти нави сиёсӣ ниёз пайдо намуд, ки он тавонад фазои холиро дар низоми сиёсӣ аз байн бурда, бо идеологияи нави сиёсии худ ҷомеаи парокандаи моро муттаҳид намуда, ба мардум рӯҳияи бунёдкорӣ ва созандагӣ бахшад ва дар ин роҳ дар сафи пеш қарор гирад. Муаллиф дар ин самт нақш ва мавқеи роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмонро калидӣ дониста, моҳияти тақдирсоз будани Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо далелҳои дақиқ исбот карда тавонистааст.

Аз далелҳои овардашуда маълум мегардад, ки дар аввал бо номи Ҳизби Халқии Тоҷикистон, баъдан ба Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон табодули ном шуд. Аз соли 1994 инҷониб таҳти раисии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шарики фаъоли дигаргунсозиҳои сохтори давлатӣ ва идории ҷомеаи муосири Тоҷикистон фаъолият дорад.

Рисоланавис дар зербоби дуюми боби дуюм **«Тамоюлҳои асосии ташаккулёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (солҳои 1994-1998)»** қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихобот» ва Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ»-ро заминаи воқеии ташаккулёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар давраи аз соли 1994 то соли 1998 донистааст.

Воқеан халқӣ будани ҳизбро муаллиф бо суханони раиси ҳизб Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин асоснок мекунад: «Мо бо мардум будем, мардум бо мо. Халқ бо мо буд, бинобар ин ҳизб аз аввал халқӣ буд ва номаш ҳам халқӣ шуд. Мафҳуми демократияро ман минбаъд пешниҳод кардам, аъзоёни ҳизб ин ғояро соли 1997 дар анҷумани III –юми ҳизб пазируфта қонунӣ гардониданд».

Ба ақидаи муаллиф Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар давраи ташаккулёбиаш тарғибгари сулҳу ваҳдати миллӣ, рушди арзишҳои фарҳанги миллӣ ва таърихӣ, ҳамчунин пешбарандаи сиёсати бунёдкорона ва созандаи давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар боби III **«Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2010»** бо се зербоб ҷамъбаст карда шудааст.

Зербоби якум **«Фаъолияти ҲХДТ дар пешбурди идеологияи давлатӣ ва баланд бардоштани шуури ҷамъиятӣ»** номгузорӣ шудааст. Дар он Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун ҳизби бунёдкору созанда баҳогузорӣ шуда, мавқеи он дар ҳифзи гуногунандешӣ, озодии сухан, интихоботи шаффофу демократӣ, ҳифзи арзишҳо ва анъанаҳои миллӣ, гуногуншаклии моликият, махсусан рушди соҳибкорӣ ва моликияти хусусӣ мусбӣ арзёбӣ шудааст. Маҳз дар ин давра зери унвони «Мақсаду мароми Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бунёди ҷомеаи адолатпарвар» ба мардум корҳои фаҳмондадиҳиро ҷоннок карда, саъю кӯшиши худро барои фароҳам овардани заминаи қонунии навсозии минбаъдаи иқтисодиёти Тоҷикистон, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ба рушди устувору самарабахш қодир бошад, равона гардида, барои баланд бардоштани шуури сиёсии ҷомеа ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардуми кишвар кӯшиш ба харч медиҳад.

Зербоби дуюми боби сеюм ба **«Самтҳои асосии фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва нақши он дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсии Тоҷикистон (солҳои 2006-2010)»** бахшида шуда, муаллиф дар он қайд мекунад, ки фаъолияти ҳизб дар амалишавии асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегия ва барномаҳои давлатӣ, шаффофияти интихобот, раъйпурсии умумхалқӣ ҳамчун тарғибгари асосӣ бо масъулияти баланд аз ҷониби аҳли ҷомеа пазируфта шудааст.

Дар зербоби 3.3 **«Робитаҳои байналмилалии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон»** ҳамкориҳои байнипарлумонӣ бо кишварҳои

олам оид ба риштаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсию фарҳангӣ дар доираи робитаҳои гуногунҷабҳае, ки тавассути парламент амалӣ мегардад, нишон дода шудааст. Ҳамчунин қайд карда шудааст, ки намояндагони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар пешбурди сиёсати хориҷии мамлакат, дар таҳияи қонунҳо ва санадҳои меъёрии байналхалқӣ ташаббускори асосӣ дониста мешавад.

Боби IV **«Фаъолияти институтсионалии сохторҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2019»** ба чор зербоб ҷудо карда шудааст. Дар зербоби якуми он **«Рушди минбаъдаи фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2019»** қайд карда шудааст, ки марҳилаи сифатан нав барои фаъолияти ҳизб баъд аз Анҷумани X оғоз гардид. Дар рисола оварда шудааст, ки дар ин давра ташкилотҳои ҳизбӣ дар истиқбол ва таҷлили санаҳои таърихӣ, ҷашнҳои миллӣ, махсусан чорабиниҳои сиёсию байналхалқӣ ба сифати таблиғгари ғояҳои созанда, суннатҳои давлатдорӣ ва ташвиқгари дастовардҳои замони истиқлолияти давлатӣ дар сафи пеш қарор дошт. Мувофиқи маълумотҳои овардашуда соли 2011 шумораи аъзоёни ҳизб зиёда ба 152 ҳазор нафар расид, аз он шумораи занон дар ҳизб 61 ҳазор(41%) ва ҷавонон зиёда аз 50 ҳазор (33 %)-ро ташкил дода, то соли 2018 450 ҳазор нафарро дар бар гирифт. Дар ин зербоб фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ нисбати нуқтаҳои Паёмҳои ҳамасолаи Президент ба Маҷлиси Олӣ, саҳми ҳафтаномаи «Минбари халқ» ва ҳамчунин нақши сомонаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон «Tribun.tj», сомонаи интернетии Кумитаҳои иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе назаррас баҳогузорӣ карда шудааст.

Дар зербоби 4.2, ки **«Фраксияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар парлумони кишвар»** номгузорӣ шудааст, нооромиҳо, гуруснагӣ, гурезагӣ, муҳоҷирати иҷборӣ мардумро ба ноумедӣ мерасонид. Ягона умед танҳо Шурои Олӣ буд, - менависад муаллиф. Пас аз Раиси Шурои Олӣ интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон роҳи тараққиёти

Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда, Конститутсияи нави ҷумҳурӣ қабул гардид. 26 -уми феврали соли 1995 интихобот ба даъвати якуми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд. Муаллиф дар он мавқеи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро назаррас арзёбӣ мекунад.

Дар зербоби 4.3 **«Фаъолияти кумита ва ташкилотҳои ибтидоии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (дар мисоли Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе)»** сухан дар бораи фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ-и ш. Душанбе меравад. Дар он мавқеи тарғибгарии ҳафтаномаи «Мароми пойтахт», ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон «Созандагони Ватан», сохторҳои ҳизбии шаҳр, сомонаи расмии Кумитаи иҷроияи шаҳрии ҳизб, ташкилотҳои ҳизбии шаҳрӣ ҳамчун як тарғибгари асосии дастовардҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ҷамъиятию сиёсӣ ва фарҳангии замони истиқлолият нишон дода шудааст.

Зербоби 4.4 **«Нақши ҷавонон дар фаъолияти ҲХДТ»** ба мавқеи созандаи ҷавонон ҳамчун аъзои ҳизб дар пешбурди сиёсати давлатӣ оид ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Аз маводҳои овардашудаи муаллиф дар ин бахши рисола маълум мешавад, ки асоси фаъолияти ҳизбро нерӯи созандаи ҷавонон ташкил медиҳад. Аксарияти донишҷӯёни макотиби олӣ, махсусан тибқи Квота таҳсилкунанда, ки намояндагони ҳизб дар ташкилотҳои ҷамъиятии «Созандагони Ватан» ба ҳисоб меравaнд, дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо дастгирии кумитаҳои иҷроияи ҳизбӣ байни ҷавонон дар корҳои тарғиботӣ фаъол мебошанд.

Мувофиқи хулосаи рисоланавис Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар тӯли 25 соли мавҷудияташ фаъолияти ҷамъиятию сиёсии худро барои тақвияти сулҳу осоиштагӣ дар кишвар, барои баланд гардидани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ, худогоҳии мардум, мустаҳкамии пояҳои давлатдорӣ, тарғиби ҷомеаи демократӣ равона карда, дар шароити ниҳоят душвори таърихӣ обутоб ёфтааст.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун тарғибгари сиёсати созандаю бунёдкор, иштирокчии фаъоли мактаби махсуси идоракунии президентӣ ба ҳисоб рафта, тахти сарварии Раиси он Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба нерӯи бузурги сиёсӣ табдил ёфтааст.

Дар асоси таҳлили маводҳои рисола муаллиф дар хулоса тавонистааст ба хулосаи умумӣ омада, барои тадқиқоти оянда масъалаи мазкур тавсияҳои муфиди илмӣ диҳад.

Хулосаҳои баровардаи муаллиф ба мақсад ва вазифаҳои рисола мувофиқ буда, барои мустаҳкам ва пурра кардани асоси илмӣ-назариявии таҳқиқот мусоидат мекунад.

Аҳамияти амалии диссератсия дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои ба даст омада барои коркарди курсҳо, семинарҳо, ҳамчунин барои тарбияи ватандӯстии наврасон ва ҷавонон аз аҳамият холи нест.

Дар рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда 293 номгӯи сарчашмаҳо ва адабиёти тавсияшуда оварда шудааст, ки қисми асосии сарчашмаҳои хаттӣ ва адабиёти илмии он дар пойгоҳи манбаъвии кор нишон дода шудаанд.

Дар маҷмуъ муаллифи рисола тавонистааст дар натиҷаи таҳлил ва муқоисаи сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда, ҳамчунин маводҳои матбуоти даврӣ нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ барои солҳои 1994-2019 пурра нишон диҳад.

Аммо диссертатсияи мазкур чун дигар рисолаҳои илмӣ аз норасоию камбудиҳои ҷузъӣ холӣ набуда, аз ҳама назаррастарини онҳо ба назари мо чунинанд:

1. Дар зербоби аввали боби якум «Буҳрони сиёсии солҳои 80-90-уми асри XX ва барҳам хӯрдани яккаҳизбӣ дар ИҶШС» муаллиф доираи хронологиро риоя накарда, аз воқеаҳои солҳои 50-уми асри XX оғоз намудааст (саҳ.23-27).
2. Дар зербоби аввали боби ду «Заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон» муаллиф аз

матлаби асосии мавзуъ берун баромада, арзишҳои демократияро танҳо ба унвони як ҳизб алоқаманд донистааст, ки чандон қобили қабул нест. (с.70-71.)

3. Дар матни зербоби дуюми боби 2 «Тамоюлҳои асосии ташаккулёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (солҳои 1994-1998)» дурнамои тараққиёти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар доираи рақобати ҳизбӣ ҳамчун дар амал татбиққунандаи сиёсати давлатӣ инъикос мегардид, вале ин ҷараён дар зербоби мазкур ба назар намерасад.
4. Дар кор таҳлил ва хулосабарории интиқодӣ, ки яке аз меъёрҳои асосии илми таърих ба шумор меравад, дар арзёбӣ ва таҳқиқу муқоисаронӣ муаллифи рисола дар таҳлили аксарияти масъалаҳои ба мавзуъ рабтдошта яктарафа баҳогузорӣ карда, арзишҳои тағйироти микдорию сифатии падидаҳои плюрализми демократӣ дар давраи гузариш аз нуқтаи назари принсипи таърихӣ кам ба назар мерасад.
5. Дар боби сеюм «Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва сиёсӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2010» низ доираи хронологӣ риоя нашудааст.

Камбудиҳои ҷойдошта қимати рисоларо паст накарда, барои ҳимояи муваффақона ҳамчун дастоварди илмии Қурбонова Ширин Исмоиловна granista мешавад. Муаллиф метавонад, камбудиҳо ва норасоиҳои ҷойдоштаро дар рафти тайёр намудани монография ислоҳ намояд.

Пуррагии маълумоти рисолаи илмӣ дар маводи нашршуда таҷассум ёфтааст. Натиҷаҳои асосии корҳои тадқиқотӣ дар диссертатсияи мазкур ҷамъбаст карда шудаанд.

Дар автореферат (фишурдаи рисола) мазмуни асосии рисола инъикос шудааст. Мавзуъ ва мазмуни он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ ҳамчун

кори илмӣ-тахассусӣ иҷро гардида, ба талаботи нишондиҳандаҳои Низомномаи КОА оид ба мушаррафгардонии дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тавр рисолаи доктории Қурбонова Ширин Исмоиловна **«Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019»** тадқиқоти актуалӣ ва мустақилона анҷомдода ҳисобида шуда, дорои арзишҳои илмӣ ва навгониҳо мебошад. Он ба талаботҳои пешниҳод намудаи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ ҷавобгӯ мебошад. Мувофиқи бандҳои 10,11,12-и «Тартиби дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, таҳти №505 тасдиқ карда шудааст, Қурбонова Ширин Исмоиловна сазовори унвони доктори илми таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02-таърихи ватанӣ мебошад.

Тақриз дар маҷлиси кушоди кафедраи таърихи умумӣ ва ватании факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон протокол №4 аз 30 ноябри соли 2022 тасдиқ карда шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

Ҳамагӣ – 21

Иштирок карданд - 21

Тарафдор - 21

Зид- 0

Бетараф- 0

**Раисикунанда:**
**мудири кафедраи таърихи умумӣ ва ватании**
**Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои таърих, дотсент** **Раҳматова З.Ю.**

**Ташхисгар:**
**профессори кафедраи**
**таърихи умумӣ ва ватании ДСРТ,**
**доктори илмҳои таърих** **Пирумшоев Хайдаршо**

**дотсенти кафедраи таърихи**
**умумӣ ва ватании ДСРТ,**
**номзади илмҳои таърих** **Ортиқов Абдурафиқ**

**Котиби ҷаласа** **Маҳкамова Саёҳат Ғаниевна**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Шӯъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДСРТ** **Раҳимов А. А.**

**Маълумот барои тамос:**
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30
**«9» декабря соли 2022**